# 6 КАБИНЕТИ ИНФИРОДӢ

**Кабинети инфиродӣ** сарчашмаи маълумот оид ба натиҷаҳои иштироки довталаб дар ИМД буда, дар давоми рӯз баъд аз номнависӣ (бақайдгирӣ)-и довталаб фаъол мешавад. Пас аз фаъол шудани кабинети инфиродӣ ба довталаб паёмак фиристода мешавад. Агар кабинети инфиродӣ фаъол набошад, довталаб онро кушода наметавонад.

Вобаста аз ҳар марҳалаи ИМД довталаб аз кабинети инфиродии худ метавонад маълумот ва маводди зеринро дастрас намояд:

- маълумоти инфиродӣ;
- нусхаи даъватнома;
- гурӯҳи ихтисосҳо ва комбинатсияҳои ихтисосҳо (айнан дар он гунае, ки довталаб интихоб намудааст);
- ҷадвали баргузории имтиҳонҳо;
- нусхаи варақаи ҷавобҳо аз қисми дахлдори имтиҳон (А ё Б);
- натиҷаҳои имтиҳонҳо:
  – хол ва балҳои ҳар субтест;
  – хол ва бали қисми В – имтиҳонҳои эҷодӣ ва (ё) маҳорати махсус (агар чунин имтиҳонҳоро супорида бошад);
  – бали қисми Г – имтиҳонҳои иловагии тахассусӣ (агар чунин имтиҳонҳоро супорида бошад);
  – балҳои имтиёзӣ (барои довталабони имтиёздор);
- натиҷаи тақсимот ва ғайра.

### Шартҳои истифода аз кабинети инфиродӣ:

1) дастрасӣ доштан ба шабакаи Интернет ва малакаи истифодаи он;
2) донистани рақами назоратӣ ва рамзи воридшавӣ ба кабинети инфиродӣ (он дар варақаи бақайдгирии довталаб оварда шудааст ва ҳамчунин, ба воситаи SMS-паёмак ба телефони довталаб фиристода мешавад);
3) фаъол нигоҳ доштани почтаи электронӣ/рақами телефони мобилие, ки дар майдони почтаи электронӣ/телефони мобилии варақаи бақайдгирӣ нишон дода шудааст (барои барқарор кардани рамзи воридшавӣ (дар ҳолати фаромӯш кардани он) ба кабинети инфиродӣ);
4) риояи талаботи бехатарии иттилоот, махсусан махфӣ нигоҳ доштани рамзи воридшавӣ ба кабинети инфиродӣ.

### Тарзи истифода аз кабинети инфиродӣ

Барои ворид шудан ба кабинети инфиродӣ довталаб метавонад аз сомонаи Марказ (**www.ntc.tj**) ё саҳифаи воридшавӣ ба кабинети инфиродӣ (**http://cabinet.ntc.tj**), ки суроғаи онҳо дар *расми 6.1* оварда шудааст, истифода барад.




**Расми 6.1.** Суроғаи сомонаи Марказ ва саҳифаи воридшавӣ ба кабинети инфиродӣ

Барои воридшавӣ ба кабинети инфиродӣ тавассути сомонаи Марказ довталаб бояд дар саҳифаи асосии сомонаи мазкур аз қисми тугма-пайвандҳо (***нигаред ба расми 6.2***) банди “*Кабинети инфиродӣ*”-ро интихоб намояд.




**Расми 6.2.** Тугма-пайвандҳои сомонаи Марказ

Равзанаи воридшавӣ ба кабинети инфиродӣ (***нигаред ба расми 6.3***) аз майдон ва унсурҳои зерин иборат аст:

- майдони “*Рақами назоратӣ*” барои дохил кардани рақами назоратӣ;
- майдони “*Рамз*” барои рамзи воридшавӣ ба кабинети инфиродӣ;
- майдони “*Рамзи санҷишӣ*” барои ворид кардани рамзи санҷишӣ;
- тугмаи “*Воридшавӣ*” барои дохил шудан ба кабинети инфиродӣ (пас аз дохил кардани рақами назоратӣ ва ҳар ду рамз пахш карда мешавад);
- пайванди “*Рамзро фаромӯш кардед?*” барои барқарор кардани рамзи фаромӯшшуда;
- пайванди “*Тарзи истифодаи кабинети инфиродӣ*” барои дастрас кардани маълумот дар бораи тарзи ба кор бурдани кабинети инфиродӣ.




**Расми 6.3.** Равзанаи воридшавӣ ба кабинети инфиродӣ

**Тавсия медиҳем, ки барои худ почтаи электронӣ кушоед (агар надошта бошед) ва онро ҳангоми сабти номи худ (бақайдгирӣ) нишон диҳед. Дурустии нишонии почтаи электронӣ ва рақами телефони мобилии пешниҳодкардаатонро санҷед, зеро воситаи асосӣ барои барқарор кардани рамзи воридшавӣ ба кабинети инфиродӣ фақат рақами телефони мобилӣ ё почтаи электрониатон аст, ки дар вақти бақайдгирӣ Шумо онро нишон додаед.**

Бояд донист, ки воридшавӣ ба кабинети инфиродӣ танҳо бо шарти дуруст дохил кардани рақами назоратӣ, рамз ва рамзи санҷишӣ (яъне, **дуруст чидани рақамҳо ва ҳарфҳои хурду калони лотинӣ)** имкон дорад.

Ҳангоми бори аввал ба кабинети инфиродӣ даромадан ва пеш аз кушода шудани саҳифаи асосии он система аз довталаб иваз кардани рамзро талаб менамояд: равзанаи "*Ивази рамз*" (***нигаред ба расми 6.4***) пайдо мешавад. Дар ин равзана довталаб дар майдони "*Рамз*" рамзи муваққатӣ ва дар майдонҳои "*Рамзи нав*" ва "*Тасдиқи рамзи нав*" рамзи нави худро **айнан як хел** дохил карда, баъд тугмаи "*Сабт*"-ро бояд пахш кунад. Ҳамин тавр система рамзи навро барои дар оянда истифода кардани кабинети инфиродӣ сабт менамояд.




**Расми 6.4.** Равзанаи иваз кардани рамзи воридшавӣ ба кабинети инфиродӣ

Агар довталаб рамзи дохилшавиро ба кабинети инфиродиаш фаромӯш карда бошад, онро бо ду роҳ барқарор карда метавонад: 1) *почтаи электронӣ* ва 2) *SMS-паёмак.* Шарти асосӣ барои иҷрои чунин амал қайд кардани суроғаи почтаи электронӣ ва ё рақами телефони мобилӣ дар вақти бақайдгирӣ мебошад. Барои барқарор кардани рамзи фаромӯшшуда дар равзанаи воридшавӣ ба кабинети инфиродӣ пайванди "*Рамзро фаромӯш кардед?*"-ро пахш кардан лозим аст, ки дар натиҷаи он равзанаи нави иборат аз ду пайванд: "*Ба воситаи почтаи электронӣ*" ва "*Ба воситаи SMS-паёмак*" пайдо мешавад. Агар довталаб рамзро ба воситаи почтаи электронӣ барқарор кардан хоҳад, пайванди "*Ба воситаи почтаи электронӣ*" ва дар ҳолати бо телефони мобилӣ барқарор кардани рамзи фаромӯшшуда пайванди "*Ба воситаи SMS-паёмак*"-ро бояд пахш кунад.

Дар натиҷаи пахши яке аз ин пайвандҳо равзанаи иборат аз ду майдон ва як тугма пайдо мешавад ва довталаб бояд рақами назоратӣ ва суроғаи почтаи электрониашро (ҳангоми барқарор кардани рамзи фаромӯшкарда ба воситаи почтаи электронӣ) ё рақами телефони мобилиашро (дар ҳолати барқарор кардани рамзи фаромӯшгардида тавассути паёмаки телефонӣ), ки дар вақти бақайдгирӣ нишон дода буд, дар майдонҳои дахлдор дохил ва тугмаи "*Фиристодан*"-ро пахш кунад. Дар ин маврид рамзи навро, ки муваққатӣ асту онро барномаи компютерӣ ба таври худкор (автоматӣ) сохта, ба почтаи электронӣ (ҳангоми барқарор кардани рамз ба воситаи почтаи электронӣ) ё рақами телефони мобилии довталаб (дар сурати барқарор кардани рамз тавассути паёмаки телефонӣ) мефиристад, аз почтаи электрониаш ё аз телефони мобилиаш гирифта, бо истифода аз он мувофиқи ин тартиб ба кабинети инфиродиаш дохил мешавад.

**!**

**Иваз намудани рамзи муваққатӣ ва махфӣ нигоҳ доштани рамзи нави дохилшавӣ ба кабинети инфиродӣ ҳатмист! Дар хотир бояд дошт, ки агар рақами назоратӣ ва рамзи кабинети инфиродиатонро шахси дигар донад, ӯ метавонад ба осонӣ вориди ин кабинет гардида, рамзро иваз намояд ва Шуморо аз истифодаи минбаъдаи кабинети инфиродӣ маҳрум созад ё бо роҳҳои дигар фиребатон диҳад.**

**Рамзи воридшавиро ба кабинети инфиродӣ ба воситаи почтаи электронӣ ё телефони мобилӣ ба шарте барқарор карда метавонед, ки онҳоро дар вақти бақайдгирӣ нишон дода бошед.**

Пас аз дуруст дохил кардани маълумоти зарурӣ дар майдонҳои мувофиқ (рақами назоратӣ ва рамз) ва пахши тугмаи дахлдор кабинети инфиродии довталаб кушода мешавад, ки

равзанаи кории он ду бахшро дар бар мегирад. Бахши якум, ки “*Идоракунӣ”* ном дорад, дар қисми болоии равзана ҷойгир буда, аз тугмаҳои иваз намудани забони корбарӣ (тоҷикӣ ва русӣ) ва тугма-пайванди “*Баромадан*” иборат аст. Инчунин, дар ин бахш тугма-пайвандҳои “*Маълумоти шахсӣ*”, “*Рӯйхати ихтисосҳо*”, “*Ҷадвали имтиҳонҳо*”, “*Нусхаи варақаи ҷавобҳо*”, “*Натиҷаи имтиҳонҳо*” ва “*Натиҷаи тақсимот*” ҷой доранд, ки онҳо барои дастрас кардани маълумоти мувофиқ лозиманд. Дар бахши дуюм, ки равзанаи асосӣ ном дорад, вобаста аз интихоби тугма-пайвандҳо маълумоти зарурӣ бароварда мешавад.

Барои риояи бехатарии иттилоот ва дастнорас гаштани кабинети инфиродӣ ба шахсони бегона довталаб бояд пас аз анҷоми кораш бо пахши тугма-пайванди “**Баромад**” аз кабинети инфиродӣ барояд.

**!**

**Баъди анҷоми кор дар кабинети инфиродӣ пахш кардани тугма-пайванди “*Баромад*” ҳатмист, то ки кори кабинети инфиродӣ поён ёфта, воридшавӣ ба он барои дигарон имконнопазир гардад.**

Муҳтавои равзанаи асосӣ ва намунаи мундариҷаи он вобаста ба интихоби тугма-пайвандҳои алоҳида чунин аст:

“*Маълумоти шахсӣ*” (***нигаред ба расми 6.5***). Ин равзана ҳангоми ворид шудан ба кабинети инфиродӣ ҳамчун саҳифаи асосӣ кушода шуда, дар он маълумоти шахсии довталаб (расм, рақами назоратӣ, ному насаб, санаи таваллуд, нишонии макони зист, муассисаи таълимӣ, намуди ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият ва силсилаю рақами он, нишонии почтаи электронӣ ва рақами телефони мобилӣ) гузошта мешавад. Дар ин равзана нусхаи даъватномаи ӯ дар шакли файли “.pdf” низ дастрас мешавад. Маълумоти шахсии довталаб аз рӯзи фаъол гардидани кабинети инфиродияш (дар давоми рӯз пас аз номнавис шуданаш) ҷой дода мешавад. Нусхаи даъватномаи довталаб танҳо баъди ба анҷом расидани давраҳои бақайдгирӣ ва азнавбақайдгирӣ дастрас мегардад.




**Расми 6.5.** Равзанаи “Маълумоти шахсӣ”

**Нусхаи даъватномаи довталаб дар кабинети инфиродияш дар шакли файли “.pdf” ҷойгир карда мешавад, ки онро довталаб барои худ сабт ва чоп карда метавонад.**

**Барои кушодан, хондан ва чопи файли даъватнома дар шакли файли “.pdf” довталаб метавонад аз барномаи компютерии ройгони Adobe Acrobat Reader истифода барад.**

“*Рӯйхати ихтисосҳо*” (***нигаред ба расми 6.6***) Дар ин равзана маълумот оид ба комбинатсияҳои ихтисосҳои дар давраи бақайдгирӣ интихобкардаи довталаб: бартарии интихоб, рамз ва номи ихтисосҳо, муассисаҳои таълимӣ, шакл ва намуди таҳсил аз рӯйи ихтисосҳои интихобгардида (бо дарназардошти забон(ҳо)и таҳсил дар онҳо) оварда мешавад. Рӯйхати ихтисосҳои интихобкардаи довталаб аз рӯзи фаъол гардидани кабинети инфиродии ӯ дар ин равзана гузошта хоҳад шуд.

Рӯйхати ихтисосҳо

Гурӯҳи ихтисосҳо : **3-юм - "Филология, педагогика ва санъат"**

| Бартарии интихоб | Ихтисос | Муассисаи таълимӣ | Намуди таҳсил | Шакли таҳсил | Забони таҳсил |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 450302 - Лингвистика | Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе | ройгон | рӯзона | русӣ |
| 2 | 121050106 - Забони хориҷӣ (забони хитой) | Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон | ройгон | рӯзона | русӣ |
| 3 | 121050106 - Забони хориҷӣ (забони хитой) | Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон | пулакӣ | рӯзона | русӣ |
| 4 | 121050108 - Забон ва адабиёти рус | Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон | ройгон | рӯзона | русӣ |
| 5 | 121050108 - Забон ва адабиёти рус | Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон | пулакӣ | рӯзона | русӣ |
| 6 | 119010103 - Дизайн (графикӣ) | Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон | ройгон | рӯзона | тоҷикӣ, русӣ |
| 7 | 119010103 - Дизайн (графикӣ) | Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон | пулакӣ | рӯзона | тоҷикӣ, русӣ |
| 8 | 119010105 - Дизайни костюм ва газвор | Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон | ройгон | рӯзона | тоҷикӣ, русӣ |
| 9 | 1010201 - Таҳсилоти ибтидоӣ | Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон | ройгон | рӯзона | русӣ |
| 10 | 1010201 - Таҳсилоти ибтидоӣ | Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон | пулакӣ | рӯзона | русӣ |
| 11 | 101010206 - Таҳсилоти томактабӣ. Равоншиносии амалӣ | Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон | ройгон | рӯзона | русӣ |
| 12 | 101010206 - Таҳсилоти томактабӣ. Равоншиносии амалӣ | Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон | пулакӣ | рӯзона | русӣ |

НАМУНА

**Расми 6.6.** Равзанаи “Рӯйхати ихтисосҳо”

Равзанаи “*Ҷадвали имтиҳонҳо*” (***нигаред ба расми 6.7***) маълумотро дар бораи қисм(ҳо)и имтиҳоне, ки вобаста ба навъ(ҳо)и ихтисосҳои интихобкардааш довталаб он(ҳо)ро бояд супорад, макон (муассиса(ҳо)и таълимӣ ва нишонии он) ва замон (рӯзу соат)-и баргузории он(ҳо)ро фаро мегирад. Равзанаи мазкур баъд аз омода шудани даъватномаҳои довталабон ва гузоштани онҳо дар кабинетҳои инфиродӣ фаъол мегардад.

Ҷадвали имтиҳонҳо

| Имтиҳон | Макон | Рӯз | Вақт | Забони имтиҳон |
|---|---|---|---|---|
| Қисми А | Муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи умумии № 19 (ш. Душанбе, н. Сино, кӯч. А. Қаҳҳоров, 2) | 05.07.2025 | 09:00 | русӣ |
| Қисми В | Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон (ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 31) | аз 01.07.2025 то 08.07.2025 | | |
| Қисми Г.1 | Филиали ДДМ ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе (ш. Душанбе, кӯч. Бохтар, 35/1. Сомона: www.msu.tj, www.ntc.tj) | Ҷадвал дар сомона | | |

НАМУНА

Эзоҳ:

Қисми А: субтестҳои «Забони тоҷикӣ», «Таърих», «Адабиёти тоҷик»/«Забон ва адабиёти рус»/«Забон ва адабиёти ӯзбек», «Забони хориҷӣ»

**Расми 6.7.** Равзанаи “Ҷадвали имтиҳонҳо”

Дар равзанаи “*Нусхаи варақаи ҷавобҳо*” (***нигаред ба расми 6.8***) нусхаи варақаи ҷавобҳои довталаб дар шакли электронӣ (дар қолаби файлҳои “.jpg”) вобаста аз иштироки ӯ дар ягон қисми имтиҳон (А ё Б) гузошта мешавад. Довталаб имкон дорад, ки нусхаи варақаи ҷавобҳояшро сабт ва чоп кунад. Бо истифодаи нусхаи варақаи ҷавобҳои тест довталаб ҷавобҳояшро бо ҷавобҳои дурусти саволу масъалаҳои тест, ки дар сомонаи Марказ нашр карда мешавад, муқоиса ва шумораи холҳои аз ҳар субтест бадастовардаашро мустақилона ҳисоб карда метавонад. Ҷавобҳои дурусти саволу масъалаҳои тестро, ки вобаста аз қисмҳои имтиҳон ва гурӯҳҳои ихтисосҳо ҳамарӯза дар сомонаи Марказ (пас аз анҷоми имтиҳон, дар охири рӯз) нашр карда мешавад, тавассути пайванди интернетии “Ҷавобҳои дуруст ба саволу масъалаҳои тест” дастрас кардан мумкин аст. Ин пайванд баъди имтиҳон (қисми А ё Б)-ро супоридани довталаб (тибқи ҷадвали имтиҳонҳо ва даъватнома) ва нусхаи варақаи ҷавобҳоро гузоштани марказ дар кабинети инфиродӣ фаъол мешавад.




**Расми 6.8.** Равзанаи “Нусхаи варақаи ҷавобҳо”

Дар равзанаи “*Натиҷаи имтиҳонҳо*” (***нигаред ба расми 6.9***) оид ба натиҷаҳои имтиҳонҳои супоридаи довталаб – хол ва балҳо, инчунин балҳои имтиёзӣ (агар дошта бошад) маълумоти муфассал оварда мешавад.

Дар ин равзана оид ба роҳ ёфтан ва ё наёфтани довталаб ба озмуни тақсимот вобаста аз холҳои гузариши фаннии муқарраршуда низ маълумот пешниҳод мегардад: маълумот дар бораи ба озмуни тақсимот роҳ ёфтани довталаб бо матни рангаш сабз ва дар бораи ба озмуни тақсимот роҳ наёфтан бо матни рангаш сурх ишора мешавад. Маълумот дар бораи ба озмуни тақсимот роҳ ёфтани довталаб (вобаста ба даври имтиҳонҳо) дар ин қолаб буданаш мумкин аст (тавассути кабинетҳои инфиродӣ, паёмакҳои телефонӣ (SMS): “Шумо барои иштирок дар озмуни тақсимот, ки 25-уми июл мегузарад, иҷозат доред.”.

Вобаста аз гурӯҳи ихтисосҳо маълумоти бештар оид ба холҳои гузариши фаннӣ аз субтестҳо ва қисмҳои алоҳидаи имтиҳонҳо ва ҷадвалҳои мувофиқати холҳо ба балҳо аз

субтестҳои қисмҳои А ва Б, ки барои соли имтиҳонӣ таҳия карда мешаванд, мувофиқан, тавассути пайвандҳои интернетии “*Холҳои гузариши фаннӣ*” ва “*Ҷадвали мувофиқати холҳо ба балҳо*” ба довталаб дастрас аст. Равзанаи “*Натиҷаи имтиҳонҳо*” (***нигаред ба расми 6.9***) дар рӯзи эълони натиҷаҳои ИМД фаъол мешавад.

## Натиҷаи имтиҳонҳо

**Шумо барои иштирок дар озмуни тақсимот, ки 25-уми июл мегузарад, иҷозат доред.**

| Холҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Қисми А | | | | | Қисми В |
| А1 | А2 | А3 | А4 | Ҳамагӣ | Хол |
| 15 | 17 | 20 | 30 | 82 | 100 |

| Балҳо | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Бартарии интихоб | Қисми А | | | | | Қисми В | Қисми Г.1 | Қисми Г.2 | Имтиёз | | Коэф | | Ҳамагӣ |
| № | А1 | А2 | А3 | А4 | Ҳамагӣ | Бал | Бал | Бал | Бал | Намуд | Бал | Коэф | Бал |
| 1 | 28.4256 | 43.3706 | 88.9711 | 113.9415 | 274.7088 | | 310.0000 | | | - | | - | 584.7088 |
| 2 | 28.4256 | 43.3706 | 76.2609 | 132.9318 | 280.9889 | | | | | - | | - | 280.9889 |
| 3 | 28.4256 | 43.3706 | 76.2609 | 132.9318 | 280.9889 | | | | | - | | - | 280.9889 |
| 4 | 28.4256 | 65.0559 | 88.9711 | 75.9610 | 258.4136 | | | | | - | | - | 258.4136 |
| 5 | 28.4256 | 65.0559 | 88.9711 | 75.9610 | 258.4136 | | | | | - | | - | 258.4136 |
| 6 | 28.4256 | 75.8986 | - | - | 104.3242 | 250.0000 | | | | - | | - | 354.3242 |
| 7 | 28.4256 | 75.8986 | - | - | 104.3242 | 250.0000 | | | | - | | - | 354.3242 |
| 8 | 28.4256 | 75.8986 | - | - | 104.3242 | 250.0000 | | | | - | | - | 354.3242 |
| 9 | 28.4256 | 65.0559 | 88.9711 | 75.9610 | 258.4136 | | | | | - | | - | 258.4136 |
| 10 | 28.4256 | 65.0559 | 88.9711 | 75.9610 | 258.4136 | | | | | - | | - | 258.4136 |
| 11 | 28.4256 | 65.0559 | 88.9711 | 75.9610 | 258.4136 | | | | | - | | - | 258.4136 |
| 12 | 28.4256 | 65.0559 | 88.9711 | 75.9610 | 258.4136 | | | | | - | | - | 258.4136 |

НАМУНА

| Натиҷаи умумии имтиҳонҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Бартарии интихоб | Ихтисос | Муассисаи таълимӣ | Намуди таҳсил | Шакли таҳсил | Забони таҳсил | Бали умумӣ |
| 1 | 450302-Лингвистика | Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе | рӯзона | ройгон | русӣ | 584,7088 |
| 2 | 121050106-Забони хориҷӣ (забони хитой) | Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон | рӯзона | ройгон | русӣ | 280,9889 |
| 3 | 121050106-Забони хориҷӣ (забони хитой) | Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон | рӯзона | пулакӣ | русӣ | 280,9889 |
| 4 | 121050108-Забон ва адабиёти рус | Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон | рӯзона | ройгон | русӣ | 258,4136 |
| 5 | 121050108-Забон ва адабиёти рус | Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон | рӯзона | пулакӣ | русӣ | 258,4136 |
| 6 | 119010103-Дизайн (графикӣ) | Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон | рӯзона | ройгон | тоҷикӣ, русӣ | 354,3242 |
| 7 | 119010103-Дизайн (графикӣ) | Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон | рӯзона | пулакӣ | тоҷикӣ, русӣ | 354,3242 |
| 8 | 119010105-Дизайни костюм ва газвор | Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон | рӯзона | ройгон | тоҷикӣ, русӣ | 354,3242 |
| 9 | 1010201-Таҳсилоти ибтидоӣ | Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон | рӯзона | ройгон | русӣ | 258,4136 |
| 10 | 1010201-Таҳсилоти ибтидоӣ | Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон | рӯзона | пулакӣ | русӣ | 258,4136 |
| 11 | 101010206-Таҳсилоти томактабӣ. Равоншиносии амалӣ | Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон | рӯзона | ройгон | русӣ | 258,4136 |
| 12 | 101010206-Таҳсилоти томактабӣ. Равоншиносии амалӣ | Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон | рӯзона | пулакӣ | русӣ | 258,4136 |

**Расми 6.9.** Равзанаи “Натиҷаи имтиҳонҳо”

| Эзоҳ | |
|---|---|
| Субтестҳо ва қисми имтиҳон | Имтиёз |
| **Қисми А** – имтиҳони умумӣ | ***Намуди имтиёз*** |
| **А1** – Забони тоҷикӣ | **1** – ятими кул/бепарастор |
| **А2** – Биология | **2** – маъюб |
| **А3** – Химия | **3** – ғолиби олимпиадаи ҷумҳуриявӣ |
| **А4** – Физика | **4** – ғолиби олимпиадаи байналмилалӣ |
| **Қисми В** – имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсус | **6** – дорандаи дастоварди варзишӣ |
| **Қисми Г.1** – имтиҳонҳои иловагии тахассусӣ барои ихтисосҳои пешниҳодкардаи филиали ДДМ ба номи М.В. Ломоносов | **7** – дорандаи дастовард дар соҳаи санъат |
| **Қисми Г.2** – имтиҳонҳои иловагии тахассусӣ барои ихтисосҳои пешниҳодкардаи Донишгоҳи Осиёи Марказӣ | **8** – хизмати ҳарбӣ/фарзанди хизматчии ҳарбии ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ ҳалокшуда |
| | **1,02; 1,03; 1,04 – Коэффитсиенти ноҳиявӣ (коэф. ноҳиявӣ).** Коэффитсиенти ноҳиявӣ ба бали бадастовардаи довталабони ҷойҳои буҷетии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон ва ҷойҳои буҷетии ихтисоси “Кори момодоягӣ”-и коллеҷҳои тиббӣ татбиқ карда мешавад. |

Имтиёз ба киҳо дода мешавад?

**Давоми расми 6.9.** Равзанаи “Натиҷаи имтиҳонҳо”

**Роҳ ёфтан ба озмуни тақсимот (соҳиб шудан ба холҳои гузариши фаннӣ аз ҳамаи субтестҳои қисми А ё Б ва қисм(ҳо)и дигари дахлдор) ҳанӯз маънои донишҷӯй шудани довталабро надорад. Танҳо натиҷаи озмуни тақсимот ба муассисаҳои таълимӣ маълум месозад, ки довталаб донишҷӯй мешавад ё не.**

**Озмуни тақсимоти довталабон ба муассисаҳои таълимӣ аз рӯйи (1) бали умумии аз қисм(ҳо)и дахлдори имтиҳон бадастовардаи довталаб, (2) бартарии ихтисосҳои интихобкардаи ӯ ва (3) нақшаи қабули донишҷӯён ба роҳ монда мешавад.**

Равзанаи “*Натиҷаи тақсимот*” (***нигаред ба расми 6.10***) оид ба комёб шудани довталаб тибқи натиҷаи озмуни тақсимот аз рӯйи яке аз комбинатсияҳои ихтисосҳои интихобкардааш ё комёб нашуданаш тибқи ин интихобҳо маълумот медиҳад.

Агар ӯ мувофиқи яке аз комбинатсияҳои ихтисосҳои интихобкардааш ба муассисаи таълимӣ тақсимот шуда бошад, дар ин бора маълумоти мушаххас дода мешавад (бо нишон додани бартарии интихоб, рамз ва номи ихтисос, муассисаи таълимӣ, шакл ва намуди таҳсил бо дарназардошти мавҷудияти забон(ҳо)и таҳсил аз рӯйи ихтисос, бали гузариш тибқи комбинатсияи ихтисос (ҳамчун натиҷаи озмуни тақсимот) ва бали бадастовардааш). Дар акси ҳол барои муқоиса танҳо рӯйхати комбинатсияҳои ихтисосҳои интихобкарда, балҳои гузариш аз рӯйи онҳо ва бали бадастовардаи довталаб оварда мешавад.

Агар довталаб аз рӯйи ягон комбинатсияи ихтисоси интихобкардааш комёб шуда бошад, бояд дар муҳлати муайяншуда дар муассисаи таълимии дахлдор ҳозир шавад. Маълумоти иловагӣ дар бораи нишонии муассисаи таълимии таҳсилоти миёна ё олии касбие, ки ба он довталаб тақсимот шудааст ва матни огоҳкунанда дар бораи сари вақт ҳозир шудани ӯ дар муассисаи таълимии дахлдор дар поёни ин равзана ҷой дода мешавад. Барои дастрас кардани маълумоти бештар оид ба муассисаҳои таълимие, ки ба низоми ИМД дохил ҳастанд, дар ин қисм пайванди интернетии “*Муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон*” (***нигаред ба расми 6.10***) низ ҷойгир карда мешавад. **Ин равзана дар рӯзи эълони натиҷаҳои озмуни тақсимот фаъол мешавад.**

Натиҷаи тақсимот

**Шумо аз рӯи интихоби 3 гузаштед! Фавран ба муассисаи таълимӣ ҳозир шавед!**

| Натиҷаи тақсимот | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Бартарии интихоб** | **Ихтисос** | **Муассисаи таълимӣ** | **Намуди таҳсил** | **Шакли таҳсил** | **Забони таҳсил** | **Бали бадастоварда** | **Бали гузариш** |
| 1 | 450302-Лингвистика | Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе | ройгон | рӯзона | русӣ | 584,7088 | 693,7000 |
| 2 | 121050106-Забони хориҷӣ (забони хитой) | Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон | ройгон | рӯзона | русӣ | 280,9889 | 342,8409 |
| 3 | 121050106-Забони хориҷӣ (забони хитой) | Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон | пулакӣ | рӯзона | русӣ | 280,9889 | 196,4840 |

Суроғаи муасиссаи таълимӣ: **Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон (шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30)**
Муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ТАВАҶҶУҲ! Тибқи тартиби муқаррааргардида, дар сурати сари вақт то 6-уми август ба муассисаи таълимии таҳсилоти миёна ё олии касбии дахлдор ҳозир нашудани довталаб ва ҳуҷҷатҳои заруриро пешниҳод накарданаш ҷойи ӯ дар озмуни тақсимоти такрорӣ пешниҳод карда мешаванд.**

**Расми 6.10.** Равзанаи “Натиҷаи тақсимот”

**Довталаби азиз! Аз кабинети инфиродии худ пайваста истифода бурда, бо ҳамаи маълумоти дар он ҷойдошта шинос шавед. Аз ҷумла, баъд аз баргузории имтиҳонҳо нусхаи варақаи ҷавобҳоятонро эҳтиётан аз назар гузаронед ва бисанҷед, ки он оё, дар ҳақиқат, аз они Шумо аст?**

**Бо истифода аз равзанаи “Натиҷаи имтиҳонҳо” дар кабинети инфиродии худ Шумо шумораи холҳои аз ҳар субтест бадастовардаатонро аз рӯйи варақаи ҷавобҳоятон ва китобчаи тест, ки дар дастатон аст, дар муқоиса бо ҷавобҳои дуруст (калидҳо), ки дар сомонаи Марказ гузошта мешавад, мустақилона ҳисоб карда метавонед. Баъди муайян кардани шумораи холҳо Шумо аз рӯйи ҷадвалҳои мувофиқати холҳо ба балҳо (дар сомонаи Марказ ҷойгир мешаванд) балҳои бадастовардаатонро ҳисоб карда метавонед.**